**Тақризи мушовири илмӣ**

ба диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи "Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз руи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.

Рисолаи диссертатсионии Сафаров Б.Г. дар мавзуи "Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" мавзуи актуалӣ буда, натиҷаи кори чандинсолаи муаллиф аст ва таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи диссертатсия бо дарназардошти рушди муносибатҳои иқтисодии иқтисодии кишвар дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ омода гардида, аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ муҳим мебошад.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки рушди ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ба даст овардани бартарияти рақобатӣ дар ҷалби сармояи хориҷӣ, тиҷорати берунӣ ва ташаккули истеҳсолоти дорои арзиши баланд хело муҳим ва зарурӣ буда, ҳадафи таҳқиқоти рисолаи мазкур мебошад.

Новобаста аз он ки оид ба масъалаи мазкур таълифоти зиёди илмӣ ҳам аз тарафи олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ эҷод шуда бошад ҳам, вале муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, ки онро дар чаҳорчубаи тағйиротҳои тайи солҳои охир дар хоҷагии ҷаҳонӣ рух дода, баррасӣ намояд. Дастовардҳои муҳими назариявию методологӣ ва амалии диссертатсия дар навгониҳои илмӣ инъикос гардидаанд.

Бартарии назариявии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки назарияи бартариятҳои рақобатӣ бо илова гардидани бартарияти ҳамгироӣ амиқтар гашта, қонуниятҳои мавҷудаи инкишофи хоҷагии ҷаҳони муосир бо иловаи

қонунияти тақвияти майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба равандҳои ҳамгирой васеъ карда шудаанд.

Муаллиф кушиш намудааст, ки "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой" – ро ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ намуда, муносибатҳои иқтисодии кишварҳоро дар доираи ин сатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ таҳлил намояд.

Муҳиммияти методологии рисолаи доктории мазкур аз он иборат аст, ки дар он мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ таҳлил карда шуда, тақвияти инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар ин самти афзалиятноки раванди ҷаҳонишавии кишвар асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия исбот гардидааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари рӯ ба тараққии дорои иқтисоди хурди кушод иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалию минтақавии инфрасохторӣ воситаи муҳими ҳамгироишавии кишвар ба равандҳои ҷаҳонишавӣ буда, бартариятҳои транзитию туристӣ ва табиӣ, инчунин захираҳои обию энергетикӣ иқтидори ҳамгироии кишварро васеъ менамоянд. Пешниҳодҳои мушаххас доир ба ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон манзур карда шудааст, ки аз сатҳи баланди кори диссертатсионӣ шаҳодат медиҳаннд.

Дар ҷараёни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф доираи васеи адабиёти илмии ватанию хориҷиро вобаста ба рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ омӯхта, дар асоси онҳо оид ба ҳалли муаммоҳои рушди ҳамкориҳои судманди кишварро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, махсусан ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар тавсияҳои муфид пешниҳод кардааст. Аз ин лиҳоз, метавон қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур дорои хусусияти аслият (оригинальность)-и амиқ ва васеи илмӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ анҷом дода шудааст.

Аз рӯи маводи таҳқиқоти диссертатсия аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон нашр шуда, маърузаҳо дар конфронсу симпозиумҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа карда шудааст. Дуруст ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида аз арзиши илмию амалии диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

Муаллиф дар муассисаи таълимӣ-ДДМИТ фаъолият намуда, самти корҳои илмию методии ДДМИТ-ро ба уҳда дорад ва зери роҳбарии вай 5-нафар рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намудаанд, ки аз муносибати ҷиддӣ ва шавқмандии Сафаров Б. Ба корҳои илмию таҳқиқотӣ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи "Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии мувофиқ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), пешниҳод мегардад.

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои вобастаи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон — Саидмуродзода Л.Ҳ.

Имзои Саидмуродзода Л.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИИД АМИТ — Қурбонов Э.Т.

28.08.2023с